آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

**18 июни соли 2025 Чоршанбе № 49 (15164)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# МАСЪАЛАҲОИ ТАВСЕАИ МИНБАЪДАИ МУНОСИБАТҲОИ БИСЁРҶОНИБА БАРРАСӢ ШУДАНД

***17 июн Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Сзинпин мулоқот карданд.***



Масъалаҳои муҳими дуҷониба ва молики аҳамияти минтақавӣ баррасӣ шуданд.

Сарони давлатҳо бо қаноатмандии амиқ қайд карданд, ки солҳои охир муносибатҳои дӯстии Ӯзбекистону Чин ба сатҳи бесобиқаи шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ баромад.

Созишномаҳое, ки дар рафти сафари давлатии Президенти Ӯзбекистон ба Чин дар моҳи январи соли 2024 ба даст омаданд, пайваста амалӣ мегарданд.

Афзоиши назарраси робитаҳо ва мубодила дар ҳама сатҳҳо қайд карда шуд.

Мулоқоти стратегии вазирони корҳои хориҷӣ роҳандозӣ гардид. Аввали моҳи июни соли равон дар шаҳри Самарқанд дуюмин Форуми минтақаҳо бомуваффақият баргузор шуд.

Ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ, молиявию сармоягузорӣ босуръат рушд мекунад. Соли 2024 гардиши мол ба 14 миллиард доллар расид. Бастаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ беш аз 60 миллиард долларро ташкил медиҳад.

Дар минтақаҳои мамлакати мо паркҳои муштараки технологӣ ва минтақаҳои махсуси саноатӣ бомуваффақият фаъолият намуда, истеҳсоли электромобилҳои «BYD» вусъат меёбад.

Дар шабакаҳои энергетикаи «сабз», нафту газ, кимиё, дорусозӣ, металлургӣ, истихроҷи маъдан, хӯрокворӣ ва сохтмон, инчунин, дар бахшҳои логистика, кишоварзии «ҳушманд», зеҳни сунъӣ ва рақамисозӣ лоиҳаҳои ояндадор таҳия мегарданд.

Бо ниҳодҳои молиявии пешқадами Чин ҳамкории мутақобилан судманд роҳандозӣ шудааст. Васеъ кардани платформаи сармоягузорӣ бо Хазинаи «Роҳи абрешим» дар назар аст. Бо иштироки Эксимбонки Чин сохтмони шаҳраки Олимпӣ дар пойтахт ба анҷом мерасад. Дар шаҳри Тошканд филиали минтақавии ин бонк кушода шуд.

Ба масъалаҳои амиқтар кардани ҳамкориҳои минбаъда дар бахши мубориза бар зидди камбизоатӣ диққати махсус дода шуд.

Сарони давлатҳо ҳамчунин муҳимияти суръат бахшиданро ба сохтмони роҳи оҳани стратегии «Чин – Қирғизистон – Ӯзбекистон» қайд карданд.

Ба густариши мубодила дар соҳаҳои таълим, илм, сайёҳӣ ва фарҳанг, бозомӯзии кадрҳо ва омӯзиши забони чинӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардид.

Дар Ӯзбекистон филиали Донишгоҳи кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангали Шимолу Ғарби Чин фаъолият дорад ва дар назди Донишгоҳи Урганч дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи Пекин Маркази байналмилалии математика таъсис дода шудааст.

Соли гузашта 20-солагии Донишкадаи Конфутсий ҷашн гирифта шуд ва низоми таълими касбии «Устохонаи Лу Бан»-и Чин ҷорӣ мегардад.

Соли оянда дар ҳар ду мамлакат гузаронидани ҳафтаҳои фарҳанг ва санъат дар назар аст.

Дар рафти мулоқот аз рӯи масъалаҳои рӯзномаи байналмилалӣ низ мубодилаи афкор намуданд. Аҳамияти идомаи ҳамоҳангсозӣ ва дастгирии мутақобила дар доираи СММ, СҲШ, формати «Осиёи Марказӣ – Чин» ва дигар сохторҳои бисёрҷониба қайд карда шуд.

Дар анҷом дар ҳузури роҳбарон эълон шуд, ки Баённомa дар бораи анҷоми музокироти дуҷониба роҷеъ ба узвияти Ӯзбекистон ба СҶС имзо шудааст.

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН ОИД БА ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИИ БИСЁРҶОНИБА БО ҶМЧ ТАШАББУСҲО ПЕШ ГУЗОШТ

**17 июн Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар ҳамоиши дуюми «Осиёи Марказӣ – Чин», ки дар шаҳри Остона баргузор гардид, иштирок кард.**

Дар чорабинӣ, ки тахти раёсати Президенти Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев баргузор шуд, ҳамчунин Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Сзинпин, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов ширкат доштанд.

Тибқи рӯзнома дурнамои густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманди мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Чин дар самтҳои афзалиятнок ва масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ баррасӣ шуданд.

Президенти Ӯзбекистон дар оғози суханронии худ нақши Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Сзинпинро дар таҳкими дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, дастгирии рушди устувори минтақа тавассути татбиқи лоиҳа ва барномаҳои мушаххас алоҳида қайд кард.

Бо қаноатмандӣ қайд карда шуд, ки дар ҳамкорӣ дар формати «Осиёи Марказӣ — Чин» пас аз баргузории ҳамоиши якум, ки соли 2023 дар Сиан доир гардид, ба муваффақиятҳои бузург ноил гардиданд.

Махсусан, котибот таъсис ёфта, механизмҳои гузаронидани вохӯриву ҷамъомадҳои вазирон ва коршиносон ҷорӣ гардид, пойгоҳи шартномавӣ-ҳуқуқии ҳамкории ҳамаҷониба ташаккул меёбад.

Ҳаҷми гардиши мол миёни мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Чин афзоиш ёфта, соли равон ба қариб 100 миллиард доллар расиданi он дар назар аст.

– Ба андешаи мо, рушди ҳамкорӣ дар ин формат, аз як тараф, ба раванди трансформатсияи амиқ дар худи минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад, ки имрӯз ба фазои эътимод, ҳамсоягии нек ва шарикӣ табдил ёфтааст. Аз ҷониби дигар, ин ба содиқ мондани роҳбарияти Чин ба рушди муносибатҳои дӯстона бо кишварҳои ҳамсоя ва пешбурди Консепсияи ҷаҳонии «Камарбанд ва Роҳ» алоқаманд мебошад, – изҳор дошт Сарвари кишвари мо.

Сипас, Президенти Ӯзбекистон дидгоҳи худро нисбат ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳои минтақавӣ баён кард.

Пеш аз ҳама таъкид гардид, ки мулоқоти имрӯза дар заминаи вазъи мураккабтаршавандаи байналмилалӣ баргузор мегардад.

Афзоиши рақобат боиси болоравии танишҳо, пайдоиши хатару таҳдидҳои нав ба амният ва рушди устувор мешавад.

– Мо истифодаи усулҳои қудратиро барои ҳаллу фасли масъалаҳои баҳсноки байналмилалӣ ва мунoқишаҳо беасос мешуморем ва онро қобили қабул намедонем, – таъкид намуд Президент. – Бовар дорем, ки ҳамаи баҳсҳо ва ихтилофҳо танҳо бояд бо роҳи дипломатӣ – сари мизи музокирот, дар асоси эҳтироми истиқлолият, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ҳал шаванд.

Дар робита ба ин, аҳамияти таърихии қабули Шартномаи дӯстии абадӣ, ҳамсоягии нек ва ҳамкорӣ дар ҷараёни нишаст зикр шуд, ки он дар таъмини суботи минтақавӣ саҳми муштарак хоҳад гашт. Бо мақсади татбиқи ин Шартнома, пешниҳод гардид, ки Консепсияи шарикии дарозмуддат бо шомил кардани механизмҳо ва лоиҳаҳои мушаххас таҳия карда шавад.

Тавре Сарвари Ӯзбекистон зикр намуд, ҳамкориҳои тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва технологӣ бо Чин локомотиви пуриқтидори татбиқи стратегияҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад.

Таъкид шуд, ки ҳамгироии иқтидори рӯзафзуни кишварҳои минтақа бо роҳбарии саноатии Чин метавонад ба ташаккули Фазои ягонаи имкониятҳои бузург бо механизмҳои самарабахши мубодилаи дониш ва интиқоли технологияҳо оварда расонад.

Қадамҳои амалӣ дар ин самт метавонанд қабули ҳарчи зудтари Барномаи шарикии нави иқтисодӣ ва таъсиси Шӯрои байниминтақавӣ оид ба савдо ва сармоягузорӣ дар сатҳи муовинони сарвазирон бошанд. Ҷониби Ӯзбекистон омодагии худро барои баргузор кардани ҷаласаи нахустини ин Шӯро то охири соли ҷорӣ изҳор намуд.

Бо мақсади ҳавасмандгардонии робитаҳои тиҷоратӣ Президенти Ӯзбекистон пешниҳод кард, ки дар доираи ташаббуси «Камарбанди рақамӣ ва роҳ» платформаи бисёрҷонибаи савдо таҳти унвони «Роҳи абрешими электронӣ» ташкил карда шавад.

Ҳамчунин, зарурати таъсиси Маркази минтақавии стандартизатсия ва сертификатсияи саноатӣ дар шаҳри Тошканд таъкид гардид, ки барои ҳамоҳангсозии меъёрҳо ва стандартҳо, инчунин сертификатсияи маҳсулоти содиротӣ мувофиқи талаботи Чин хизмат хоҳад кард.

Пешниҳод шуд, ки барои таъмин намудани интиқоли технологияҳо, бо ҷалби бахши хусусӣ, муассисаҳои пешрафтаи илмӣ-тадқиқотӣ ва марказҳои муҳандисӣ «харита роҳ»-и алоҳидаи таҳия карда шавад.

Роҳбари Ӯзбекистон алоҳида ба зарурати таҳкими пайвастагии саноатӣ ва инфрасохторӣ ишора кард, то ки иқтидори иқтисодии минтақа ба таври самаранок амалӣ гардад. Ба ин мақсадҳо, таҳияи стратегияи дарозмуддати «Камарбандҳои саноатӣ ва инфрасохтории «Осиёи Марказӣ – Чин» пешниҳод шуд.

Гап дар бораи таъсиси низоми кластерҳои саноатии ҳамдигарбаст, технопаркҳо ва марказҳои логистикӣ меравад, ки дар онҳо сармоягузорӣ, технологияҳо ва қарорҳои илмии Чин ҷалб карда шаванд.

Ҳамчунин, масъалаҳои ҳамоҳангсозии низомҳои энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Чин, аз ҷумла амалисозии лоиҳаи азими сохтмони хати интиқоли неруи барқи баландшиддат ниёз ба омӯзиши амиқ доранд.

Масъалаи ҷорӣ намудани воситаҳои самарабахши молиявӣ, ки метавонанд лоиҳаҳои бузурги дорои аҳамияти минтақавиро дастгирӣ кунанд, аҳамияти хоса касб мекунад.

– Механизмҳои байналмилалии мавҷуда бешубҳа нақши муҳим доранд, аммо онҳо пурра ниёзҳои сармоягузории минтақаро фаро намегиранд. Тибқи баҳогузории коршиносон, норасоии сармоягузорӣ ба рушди инфрасохтории Осиёи Марказӣ ба садҳо миллиард доллар мерасад, – таъкид намуд роҳбари Ӯзбекистон.

Дар ин замина, баррасии имконияти таъсиси Фонди рушди «Осиёи Марказӣ – Чин» пешниҳод гардид, ки метавонад ба платформаи муассири пешбурди ташаббусҳои инфрасохторӣ табдил ёбад.

Самти дигари афзалиятнок рушди ҳамгироии нақлиётии Осиёи Марказӣ ва Чин муайян карда шуд.

Таъкид гардид, ки оғози сохтмони роҳи оҳани Чин – Қирғизистон – Ӯзбекистон унсури муҳими низоми нави робитаҳои нақлиётӣ ва транзитӣ дар фазои АвруОсиё мебошад. Ҳамзамон, татбиқи лоиҳаи сохтмони хати оҳани Трансафғонистон имкониятҳои боз ҳам васеътарро фароҳам меорад.

(Давомаш дар саҳ.2).

# НУТҚИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР АНҶУМАНИ ДУЮМИ «ОСИЁИ МАРКАЗӢ — ЧИН»

Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо!

Ба суханони миннатдорӣ ба унвони Президенти Қазоқистон муҳтарам Қосим-Ҷомарт Кемелович Тоқаев барои пазироии гарм ва дар дараҷаи баланд ташкил намудани анҷумани дуюми «Осиёи Марказӣ – Чин» ҳамроҳ мешавам.

Аз Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷаноби олии муҳтарам Си Сзинпин барои моилии қатъӣ ба мустаҳкам намудани дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо давлатҳои минтақа миннатдорӣ изҳор менамоям.

Суханони шуморо дар бораи «Чин ва мамлакатҳои Осиёи Марказиро риштаҳои қадимаи дӯстӣ ва шарикӣ, боварии тарафайн ва ҳамдастӣ, кӯшиш ба наздикшавӣ ва рушди ҳамкории баландсифат, ки ба эҳтироми ҳамдигар асос меёбад, ба ҳам мепайвандад» пурра дастгирӣ менамоям.

Инчунин ба табрикоти самимӣ ва таманноҳо ба унвони шумо бинобар рӯзи таваллудатон, ки ба қарибӣ буд, ҳамроҳ мегардам.

Ҳамкасбони муҳтарам!

Рӯзномаи маҷлиси имрӯзаро дастгирӣ менамоям, ки ин ҳуҷҷатҳо якҷоя бо Эъломияи Остона омода гаштааст.

Бароҳандозии марказҳои муштаракро оид ба пешгирии биёбоншавӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи таълим, мубориза бо кашшоқӣ ва инчунин платформаи бетанаффуси савдои Осиёи Марказӣ ва Чин хайрамақдам мегӯям. Бешубҳа, ин механизмҳо ба вусъат ёфтани ҳамкории амалии байни мамлакатҳоямон мусоидат менамоянд. Ӯзбекистон азм дорад, ки дар ташкил ва рушди фаъолияти онҳо фаъолона иштирок намояд.

Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо!

Тавре ки ҳикмати чинӣ мегӯяд: «Ҳар касе, ки бо дӯст пеш меравад, муваффақ мегардад».

Пас аз анҷумани якуми таърихиамон дар Сиан мо ба натиҷаҳои ҷиддӣ ноил гардидем. Тавре ки аллакай таъкид шуд, Котибият таъсис ёфт, ки ҳамкории чандиндараҷаро танзим менамояд.

Механизмҳои босамари мулоқот ва ҷамъомадҳои вазирон ва коршиносон дар самтҳои гуногун фаъолият дорад, пойгоҳи қарордодиву ҳуқуқии ҳамкории калонмиқёс ташаккул меёбад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки табодули моли умумии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ бо Чин инкишоф меёбад. Соли ҷорӣ он қариб ба 100 миллиард доллар мерасад. Миқдори корхона ва лоиҳаҳои муштарак аз 10 ҳазор зиёд аст.

Ба фикри мо, барои инкишофи ҳамкорӣ дар ин ҳайат аз як тараф ҷараёнҳои тансформатсияи амиқ дар худи Осиёи Марказӣ, ки ба фазои боварӣ, некҳамсоягӣ ва шарикӣ табдил ёфтааст, мусоидат менамояд. Аз ҷиҳати дигар ин моилии бемайлони роҳбарияти Чин ба рушди муносибати дӯстона бо давлатҳои ҳамсоя ва пеш бурдани консепсияи ҷаҳонии «Камарбанд ва роҳ» мебошад.

Бинобар ин мехоҳам назари худро ба рушди ояндаи ҳамкории бисёрҷониба изҳор намоям.

Мулоқоти кунунӣ дар шароити ба тарзи назаррас бад гардидани вазъияти байналхалқӣ ба вуқуъ мепайвандад.

Мунoқишаҳои харобиовар қувваи нав касб менамоянд, нобоварии ҳамдигар байни қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ пурзӯр мегардад. Афзудани рақобат ба тезутунд гардидани вазъият, зуҳури таҳдид ва ситезаҳои нави бехатарӣ ва рушди босубот мебарад.

Ба кор бурдани усулҳои қудратиро барои ҳалли масъалаҳои баҳсноки байналхалқӣ ва мушкилоти мунoқишаангезро бе асос ва роҳдоданашаванда мешуморем.

Бо суханони Шумо, муҳтарам Раис Си Сзинпин дар бораи мунoқиша ва ҷангҳои ҷорӣ, ки дар он ғолиб нахоҳад буд, комилан мувофиқ ҳастам.

Бовар дорам, ки тамоми баҳс ва суйи тафоҳум қатъиян бо роҳи кӯшиши дипломатӣ – сари мизи мулоқот, дар асоси принсипи эҳтироми мустақилият, меъёри ҳуқуқи байналхалқӣ ва оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ҳаллу фасл гарданд.

Бояд таъкид кард, ки дар чунин шароитҳои пешгӯйинашаванда аҳамият ва мақоми механизмҳои минтақавӣ меафзояд, ки ба муттаҳид намудани мамлакатҳо барои таъмини низоми ҳарчи босуботи муносиботи байналхалқӣ қодир мебошанд.

Бинобар ин имрӯз қабул гардидани Шартномаро дар бораи некҳамсоягии абадӣ, дӯстӣ ва ҳамкории байни мамлакатҳоямон рӯйдоди таърихӣ мешуморам. Ин ҳуҷҷат саҳми умумӣ дар таъмини суботи минтақавӣ мегардад. Барои тақвияти Шартнома Консепсияи шарикии дарозмуддатамонро бо дохил намудан ба он механизм ва лоиҳаҳои мушаххас қабул намудан муҳим аст.

Шарикии тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва технологӣ дар татбиқи стратегияи рушди иҷтимоиву иқтисодии тамоми мамлакатҳои Осиёи Марказӣ чун локомотиви муқтадир ҷойгоҳ хоҳад дошт.

Танҳо як мисол меорам. Дар асоси таҷрибаи пешқадами Чин дар мамлакати мо даҳҳо лоиҳаи бузург, ки ба рушди потенсиали индустриалӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ, фароҳам овардани ҷойҳои кор дар минтақаҳои мамлакат нигаронда шудааст, ба амал татбиқ гаштааст.

Таъкид мекунам: боҳам омадани потенсиали рушдкунандаи мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва пешвоии индустриалии Чин бояд ба ташаккул ёфтани фазои умумии имконоти васеъ бо механизмҳои босамари табодули дониш ва технология барад.

(Давомаш дар саҳ.2).

# НУТҚИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР АНҶУМАНИ ДУЮМИ «ОСИЁИ МАРКАЗӢ — ЧИН»

(Аввалаш дар саҳ.1).

Бовар дорам, ки ҳарчи зудтар қабул намудани Барномаи шарикии нави иқтисодӣ дар самти мазкур боз як қадами амалӣ хоҳад гардид. Барои бо бастаҳои лоиҳаҳои мушаххас ташаккул додани Барномаи мазкур доир ба вусъат додани савдо ва сармоягузории ҳамдигар тавсия менамоем, ки Шӯрои байниминтақавӣ оид ба савдо ва сармоягузорӣ дар дараҷаи муовинони сарвазирони мамлакатҳоямон тасъсис дода шавад. Омода ҳастем, ки мулоқоти нахустинро то охири соли ҷорӣ дар Ӯзбекистон баргузор намоем.

Бо мақсади рағбатнок намудани алоқаҳои тиҷоратӣ тарафдори ташкили платформаи бисёрҷонибаи савдои «Роҳи абрешими электронӣ» дар доираи «Камарбанд ва роҳи рақамӣ» ҳастем.

Ташкил намудани Маркази минтақавии стандартизатсия ва сертификатсияи саноатӣ дар Тошкандро муҳим мешуморам, ки бо масъалаҳои наздик намудани тартиб ва стандартҳо, сертификатсияи маҳсулоти содиротӣ бинобар талаботи Чин машғул хоҳад гардид.

Инчунин пешниҳод менамоям, ки «нақшаи роҳ»-и алоҳидаи табодули технология бо ҷалб намудани тиҷорат, институтҳои тадқиқотии пешқадам ва марказҳои муҳандисӣ қабул гардад.

Ба ифшо намудани самаранокии иқтисодии потенсиали мамлакатҳоямон пурзӯр гардидани ҳамбастагии индустриалӣ ва инфрасохторӣ мусоидат хоҳад намуд. Бо ин мақсадҳо таҳияи стратегияи дарозмуддати «Камарбанди индустриалӣ ва инфрасохтории «Осиёи Марказӣ – Чин»»-ро пешниҳод менамоям. Гап дар бораи ба вуҷуд овардани низоми кластерҳои саноатии ба ҳам вобаста, технопаркҳо ва хабҳои логистикӣ бо ҷалб намудани сармоя, василаҳои технологӣ ва илмии Чин меравад.

Ғайр аз ин, вазирони энергетика бояд масъалаҳои ҳамбастагии низоми энергетикии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Чинро якҷоя бо татбиқи лоиҳаи бузурги сохтмони хати баландволти нақли электрикӣ бо диққат омӯзад. Масъалаи татбиқи василаҳои муфиди молиявӣ, ки барои дастгирии лоиҳаҳои бузурги молики аҳамияти минтақавӣ қодир мебошанд, аҳамияти муҳим касб менамояд. Таъкид мекунам, ки механизмҳои байналмилалии ҷорӣ, бешубҳа мақоми муҳим дорад, аммо талаботи сармоягузории минтақаро пурра қонеъ гардонда наметавонад. Бинобар баҳои коршиносон, норасоии сармоягузорӣ ба рушди инфрасохтории Осиёи Марказӣ садҳо миллиард долларро ташкил менамояд.

Бинобар ин баррасии имконоти таъсиси Фонди тараққиёти «Осиёи Марказӣ – Чин» ба назар мувофиқи мақсад менамояд, ки он метавонист платформаи босамар барои пеш бурдани ташаббусҳои инфрасохторӣ гардад.

Боз як самти муҳим рушди ҳамбастагии нақлиётии Осиёи Марказӣ ва Чин ба шумор меравад.

Чунин мешуморем, ки роҳандозии сохтмони роҳи оҳани Чин – Қирғизистон – Ӯзбекистон унсури муҳими низоми нави коммуникатсияи нақлиёт ва транзит дар фазои Авруосиё ба шумор меравад.

Ба дастгирии татбиқи лоиҳаи Шоҳроҳи роҳи оҳани трансафғон умед мебандем, ки барои тамоми мамлакатҳои мо имконоти васеъро боз менамояд ва барои пайванд намудани Чин аз тариқи минтақаи мо бо Осиёи Ҷанубӣ шароит фароҳам меоварад.

Ба манфиати таҳияи назари умумии оянда дар ин соҳаи стратегӣ ба идораҳои нақлиётиамон супурдани ташаккули гурӯҳҳои коршиносиро барои баргузор намудани тадқиқотҳои саҳроӣ, омӯзиши имконоти модернизатсияи инфрасохтори логистикӣ ва татбиқи лоиҳаҳои намунавии ҳамлу нақли амволро бо дахлезҳои алтернатив ногизир мешуморам.

Бинобар натиҷаи кори онҳо то мулоқоти ояндаамон пешниҳодоти дақиқ ва асоснок барои ташаккул додани харитаи ягонаи даҳлезҳои нақлиётӣ ва инфрасохтори замонавии транзит бояд омода бошад.

Яке аз таҳдидҳои ҷиддии рушди босуботи тамоми мамлакатҳоямон ин оқибатҳои тағйироти иқлимӣ мебошад.

Бовар дорам, ки васеъ татбиқ намудани таҷрибаи пешқадами Чин дар минтақа имкон медиҳад, ки хатар коҳиш ёфта, самарабахшии чорабиниҳо дар соҳаи рӯзномаи «сабз» ва ҳимояи муҳити зист ба андоза баланд гардад.

Бинобар ин тезондани қабул ва ҳарчи зудтар шурӯъ намудани татбиқи Барномаи рушди «сабз» то соли 2030 муҳим аст.

Инчунин таъсиси Алянси экологиро дар ҳайати худамон барои гуфтугӯ ва шарикӣ дар соҳаи мубориза бо биёбоншавӣ, барқарор намудани хоки вайроншуда, баланд бардоштани суботнокии биоэкологӣ дар минтақаҳои хушк ва биёбонӣ пешниҳод мекунем.

Таъкид мекунам, ки бо истифодаи таҷриба ва методологияи Чин мо метавонем лоиҳаҳои намунавиро дар минтақа татбиқ намоем, ки он шомили сабзгардонии маҷмӯӣ ва ба вуҷуд овардани ниҳолзор, рушди биоинженерия, ҳавзаҳои биомониторинг ва ҳамчунин барномаҳои иҷтимоӣ-таълимӣ мебошад.

Алоҳида мехостам дар бобати имконоти ҳамкорӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ ва технологияи рақамӣ таваққуф намоям. Маҳз ин самтҳо имрӯз чун драйвери тараққиёти дарозмуддат ба шумор меравад ва рақобатбардории иқтисодиёти миллиро муайян мекунад.

Чин аз рӯйи анъана дар ин самт мавқеи пешқадамро соҳиб аст ва дар рушди низоми интеллектуалӣ пешқадам мебошад. Бовар дорам, ки ба вуҷуд овардани Шабакаи бонкҳои ба ҳам гаравидаи маълумотҳои фаровон ва марказҳои протсесинг, ки дар асоси зеҳни сунъӣ ва шабакаҳои электронии фаромарзӣ, бедарз фаъолият доранд, имконият медиҳад, ки инфрасохтори суботноки рақамии ҳамкории иқтисодӣ ташаккул ёбад.

Инчунин сохтмони Хати рақамии маҳину оптикии хати алоқаи «Осиёи Марказӣ – Чин»-ро ба шафати хатсайрҳои энергетикӣ ва нақлиётӣ зарур мешуморем.

Ин барои минбаъд пеш бурдани онлайн-савдо, логистикаи «оқил», технологияи абрӣ ва зеҳни сунъӣ – тамоми самтҳои мавзӯи рақамие, ки дар Эъломияи Сиан зикр гаштааст, асос фароҳам меорад.

Давлати бебаҳои мо ин кӯшиши умумӣ ба ғанӣ намудани маданияти ҳамдигар ва наздик сохтани халқҳоямон мебошад. Маҳз ба ин мақсадҳо Ташаббусе, ки ба сабук гардондани равуои ҳамдигар ва Барномаи чорабиниҳои маданиву гуманитарӣ имрӯз қабул мегарданд, нигаронда шудаанд.

Ба принсипи эҳтироми гуногунии маданият такя намуда, ҳамкориамон ба миллионҳо одамон имконоти нави табодули байнифарҳангиро фароҳам меорад. Ба вуҷуд овардани портали ягонаи рақамии «Мероси мадании Роҳи абрешим»-ро пешниҳод мекунем. Вай захираҳои таърихиву мадании мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Чинро бо дастрасии муҳаққиқон, донишҷӯён, сайёҳон ва намояндагони саноати эҷодӣ муттаҳид менамояд.

Инчунин мувофиқи мақсад мебуд, ки платформаи умумии илмиву таълимӣ аз тариқи таҳияи барномаи ҳамкорӣ дар соҳаи таълими касбӣ, баргузор намудани анҷумани ректорони донишгоҳҳо, вохурии роҳбарони академияҳои илмҳо ва марказҳои илмиву тадқиқотӣ ташаккул ёбад.

Дар байни самтҳои калидӣ ҳамкорӣ дар соҳаи бехатарӣ низ бояд боқӣ монад. Пешниҳод мекунам, ки механизмҳои кории бисёрҷонибаи табодули ахбор бо хати хидматҳои махсус ва шуроҳи бехатарӣ дар мубориза бо терроризм, экстремизм, ифроткорӣ, нашъаҷаллобӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва киберҷиноят ба роҳ андохта шавад.

Коҳиш ёфтани эътибори ҷамъияти ҷаҳон ба мушкилоти Афғонистон боиси нигаронии ҷиддӣ мегардад, ки он барои мо нафақат ҳамсоя, балки қисми ҷудонопазири фазои ягонаи таърихиву маданӣ ва иқтисодӣ мебошад. Чунин меҳисобам, ки Чин ва мамлакатҳои Осиёи Марказӣ чун шарикони анъанавии Афғонистон бо таҷрибаи бойи ҳамкорӣ тамоми имконотро барои ҳамдастӣ намудан ба он барои барқарорӣ ва ҷалб ба ҷараёнҳои ҳамгароии минтақавӣ моликанд. Бинобар ин дар доираи ҳайатамон пешниҳод менамоем, ки Гурӯҳи дараҷаи олӣ оид ба баррасии масъалаҳои мазкур таъсис дода, мулоқоти он дар Тирмизи назди сарҳад бо иштироки вакилони Афғонистон баргузор гардад.

Ҳамкасбони муҳтарам!

Аз фурсат истифода намуда, ба намояндаи Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷаноби Сун Вэйдун дар вазифаи котиби генералии доимоамалкунандаи Котиботи гуфтугӯйи мо муваффақият орзу мекунам.

Дар поёни нутқи худ таъкид мекунам: Ӯзбекистон ҷонибдори гуфтугӯйи шаффоф, вусъат додани ҳамкории прагматик ва муфиди тарафайн дар ҳайати «Осиёи Марказӣ – Чин» мебошад.

Бовар дорам, ки чунин шарикӣ барои фараҳмандӣ ва шукуфоии мамлакат ва халқҳоямон хидмат хоҳад кард.

# ҒИЖДУВОН: ДАР «ОЁҚОҒИТМА» НЕРУГОҲИ БАРҚИИ БОДӢ БА КОР ДАРОМАД

Маълум аст, ки Ғиждувон яке аз ноҳияҳои калонтарин ва минтақаи сераҳолитарини вилояти Бухоро ба шумор меравад. Дар ин ҷо бо мақсади рушдёбии соҳибкорӣ ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти гуногуни рӯзафзуни аҳолӣ чораю тадбирҳо меандешанд. Аз ҷумла дар ҳудуд бобати бо усули муқобил ҳосил кардани ҷараёни электр қадамҳои устуворона гузошта мешавад.

Нуқтаи аҳолинишини оғӯши дашт – «Оёқоғитма» дар самти шимолӣ – 180 километр дуртар аз маркази ноҳия воқеъ гардидааст. Ба қарибӣ дар ин ҷо таҳти ҳомигии ширкати «Acwa Power Bash Wind»-и Арабистони Саудӣ неругоҳи бодӣ ба кор даромад.

Қимати он ба 650 миллион доллари ИМА баробар буда, соле 1 миллиарду 800 миллион киловатт соат энергияи электрӣ ҳосил мекунад. Дар натиҷа нафақат эҳтиёҷоти аҳолӣ қонеъ мегардад, балки барқарории экологӣ таъмин гашта, харҷи гази табиӣ маҳдуд мешавад. Аз ҷумла дар як сол 500 миллион метри мукааб гази табиӣ сарфа меёбад.

Пешбинӣ шудааст, ки иқтидори неругоҳи электри шамолӣ ба 500 мегаватт расонда шавад.

Дар чорабинии тантанавии ба истифода супорида шудани лоиҳа сармоядорон, сохтмончиён, кормандони масъули ҳокимият, собиқадорони меҳнат ва дигарон иштирок карда, ҳамдиёронро бо воқеаи муҳим муборакбод карданд ва аҳамияти лоиҳаро бобати мустаҳкамшавии иқтисодиёт ва некӯаҳволии халқамон таъкид намуданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# ҲАМКОРӢ БО ЯРМАРКАИ КИТОБИ ФРАНКФУРТ

***Дар китобхонаи ба номи Алишери Навоии пойтахт семинари дурӯза бо номи «Тамоюлҳои муосир дар идоракунии фаъолияти нашриёт ва ҳуқуқи муаллиф» баргузор гардид. Бояд гуфт, ки дар солҳои охир дар ҳамаи соҳаҳо ислоҳоти васеъмиқёс амалӣ мешаванд. Ин раванд дар фаъолияти нашриёт, табъу нашр ва рушди технологияи коммуникатсионӣ низ ба таври равшан мушоҳида мегардад.***

Муовини директори Оҷонсии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавӣ Ғайрат Бозоров гуфт:

– Семинари «Тамоюлҳои муосир дар идоракунии фаъолияти нашриёт ва ҳуқуқи муаллиф» бори аввал дар кишвари мо дар ҳамкорӣ бо ташкилкунандагони Ярмаркаи китоби Франкфурт баргузор мегардад. Дар ин замина, зарур аст, ки ба аҳамияти махсуси ҳукумат дар таҳкими асосҳои ҳуқуқии ин соҳа ишора кунем.

Танҳо дар панҷ соли охир 44 санади меъёриву ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни нав «Дар бораи фаъолияти нашриявӣ», 3 қарори Президент, 11 фармони Ҳукумати Ӯзбекистон ва 29 стандарти давлатӣ қабул карда шудаанд.

Бо қарори Президент таҷҳизоти чопӣ ва ашёи хоми коғазие, ки дар Ӯзбекистон истеҳсол намешаванд, аз боҷи гумрук озод карда шуданд. Ҳамчунин, корхонаҳои нашриёт ва чоп аз пардохти андози фоида ва арзиши иловашуда озод карда шудаанд.

Ин гуна имконияту имтиёзҳо барои рушди соҳаи нашриёт ва чоп дар кишвари мо шароити мусоид фароҳам меоварад. Инро метавон дар рақамҳои зерин дид:

агар соли 2020 168 нашриёт фаъолият мекарда бошад, пас то 1 июни соли 2025 шумораи онҳо ба 601 адад расидааст.

Ин маънои онро дорад, ки шумораи субъектҳои соҳибкории нашриявӣ тақрибан 3,5 маротиба (433 адад) афзудааст.

Соли 2020 шумораи корхонаҳои табъу нашр 1 589 адад буд, ки то 1 июни соли 2025 ба 1 930 адад расидааст.

Мехоҳам диққати шуморо ба як рақам ҷалб кунам. Имрӯз 59 нашриёт (яъне 10 фоиз) давлатӣ ҳастанд, дар ҳоле ки 542-тои боқимонда (90 фоиз) аз ҳисоби субъектҳои хусусии соҳибкорӣ мебошанд.

Таъкид гардид, ки ислоҳоти соҳа пеш аз ҳама ба густариши фарҳанги китобхонӣ, махсусан дар байни ҷавонон ва қонеъсозии талаботи онҳо ба маҳсулоти китоб равона шудаанд. Дар ин ҷараён нақши нашриётҳо хеле муҳим аст.

Аз соли 2020 то 2024 ҳар сол ба ҳисоби миёна 11,6 ҳазор номгӯйи китоб бо теъдоди умумии 197,9 миллион нусха чоп шудааст. Ҳамзамон, ба масъалаи расонидани китоб ба хонандагон таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Имрӯз дар саросари ҷумҳурӣ 712 мағозаи махсусгардонидашудаи фурӯши китоб фаъолият доранд. Оҷонсӣ ҳамчун мақоми ваколатдори соҳавӣ як қатор лоиҳаҳои умедбахшро дар самти рушди соҳаи табъу нашр тибқи тамоюлҳои муосир ба нақша гирифтааст.

Аз ҷумла, ҷорӣ кардани техника ва технологияи пешрафта ба истеҳсоли маҳсулоти табъу нашр, таблиғи таҷрибаи пешрафта, тайёр ва такмили ихтисоси кадрҳо ва, аз ҳама муҳимаш, расонидани фаъолияти соҳаро ба марҳилаи сифатан нав мебошад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо мустаҳкам кардани робитаҳои байналмилалӣ ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами хориҷӣ аҳамияти калон дорад.

Дар солҳои охир нашриёти кишвари мо дар зиёда аз 20 намоишгоҳ ва форуми байналмилалӣ, аз ҷумла дар Олмон, Италия, Туркия, АМА, Чин, Русия, Эрон, Белорусия ва Озарбойҷон фаъолона иштирок карда, бо ҳамкасбон робитаҳои ҳамкорӣ барқарор кардаанд.

– Чи тавре ки маълум аст, соли 2022 Ӯзбекистон ба Шӯрои байналмилалии адабиёти кӯдакон ва наврасон (IBBY) шомил шуд ва шуъбаи миллӣ дар назди оҷонсӣ таъсис дода шуд. Мо мақсад дорем, ки дар оянда рушди адабиёти кӯдакон ва наврасонро дар Ӯзбекистон, эҷоди муҳтавои нав ва таблиғи асарҳои нависандагони кӯдаконаро дар хориҷ таъмин намоем. Дар ин самт, ба роҳ мондани ҳамкории мутақобила бо мутахассисони хориҷӣ низ аҳамияти калон дорад, – гуфт роҳбари китобхонаи миллии ҷумҳурӣ У. Тешабоева.

Семинари «Тамоюлҳои муосир дар идоракунии фаъолияти нашриёт ва ҳуқуқи муаллиф», ки имрӯз дар ҳамкорӣ бо ташкилкунандагони Ярмаркаи китоби Франкфурт дар пойтахти мо оғоз мегардад, ба мустаҳкамсозии ҳамкориҳои байналмилалӣ, мубодилаи таҷриба ва афкор, шиносоӣ бо навгонӣ ва татбиқи тамоюлҳои охирин дар соҳаи нашриёт мусоидат хоҳад кард. Мо боварӣ дорем, ки семинар ва сессияҳои он мавзӯъҳои муҳими ҷаҳонӣ ва ҷолиброро дар бар хоҳанд гирифт, аз ҷумла: муҳофизати ҳуқуқи муаллиф, хариду фурӯши литсензия; нақш ва имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар фаъолияти нашриявӣ; барномаи Ярмаркаи китоби Франкфурт ва лоиҳаи Frankfurt Connect; бозори ҷаҳонии китобҳои аудиоӣ. Ҳамчунин, иштирокчиён имкони шунидани маърӯзаҳои мутахассисон ва коршиносони пешсафро дар мавзӯъҳои арзёбии ҳуқуқ ва литсензия, таъсири омилҳои асосӣ ба ташаккули нарх ва гуфтушунидҳо, намудҳои мухталифи литсензия, таҷрибаи беҳтарин дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ (Франкфурт, Лондон ва ғайра), инчунин имкониятҳо ва мушкилоти зеҳни сунъӣ барои бозори китобро пайдо хоҳанд кард.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН ОИД БА ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИИ БИСЁРҶОНИБА БО ҶМЧ ТАШАББУСҲО ПЕШ ГУЗОШТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Бо мақсади таҳияи дидгоҳи умумии дурнамо дар ин соҳаи стратегӣ, муҳим мешуморам, ки ба ниҳодҳои нақлиётии мо супориш дода шавад, то гурӯҳҳои коршиносиро барои гузаронидани таҳқиқоти саҳроӣ, омӯзиши имконоти навсозии инфрасохтори логистикӣ ва татбиқи лоиҳаҳои озмоишии интиқоли бор тавассути долонҳои алтернативӣ таъсис диҳанд, – пешниҳод кард Президенти Ӯзбекистон.

Дар натиҷаи фаъолияти ин гурӯҳҳо бояд то саммити навбатӣ пешниҳодҳои мушаххас ва асоснок ҷиҳати таҳияи Харитаи ягонаи долонҳои нақлиётӣ ва инфрасохтори муосири транзитӣ таҳия карда шаванд.

Бо ишора ба чолишҳои ҷиддии тағйирёбии иқлим барои рушди устувор Сарвари кишвари мо даъват кард, ки қабули Барномаи рушди «сабз» то соли 2030 суръат бахшида шавад, инчунин Эътилофи экологӣ барои муколама ва ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо биёбоншавӣ, барқарорсозии заминҳои таназзулёфта ва таҳкими устувории биоэкологӣ дар минтақаҳои хушк ва биёбон ташкил карда шавад.

– Мехостам алоҳида ба имкониятҳои ҳамкорӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ ва технологияҳои рақамӣ таваҷҷуҳ намоям. Зеро маҳз ҳамин соҳаҳо имрӯз муҳаррикҳои рушди дарозмуддат буда, рақобатпазирии иқтисоди миллиро муайян месозанд, – таъкид кард Президенти кишвари мо.

Бо мақсади ташаккул додани инфрасохтори рақамии устувори ҳамкории иқтисодӣ пешниҳод шуд, ки шабакаи бонкҳои ҳамдигаринтегратсияшудаи маълумоти бузург ва марказҳои протсессингӣ таъсис дода, инчунин хатти рақамии нахи оптикии «Осиёи Марказӣ – Чин» дар шафати масирҳои асосии энергетикӣ ва нақлиётӣ сохта шавад.

– Дастовард ва сармояи бебаҳои мо ин майли муштарак ба ғанисозии фарҳангҳо ва наздикшавии халқҳоямон мебошад. Маҳз ба ҳамин ҳадафҳо Ташаббус оид ба осонсозии сафарҳои мутақобила ва Барномаи чорабиниҳои фарҳангию башардӯстона, ки имрӯз қабул мешаванд, равона шудаанд, – таъкид кард Президент.

Барои таҳкими бештари ҳамкорӣ дар ин соҳа, пешниҳоди таъсиси портали ягонаи рақамии «Мероси фарҳангии Роҳи абрешим» ба миён гузошта шуд, ки манбаъҳои таърихию фарҳангии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Чинро муттаҳид намуда, дастрасиро барои муҳаққиқон, донишҷӯён, сайёҳон ва намояндагони соҳаи саноати эҷодӣ фароҳам меорад.

Ҳамчунин, ба мувофиқи мақсад будани таъсиси платформаи умумии илмӣ-маорифӣ тавассути таҳияи барномаи ҳамкорӣ дар соҳаи таҳсилоти касбӣ, баргузор кардани форумҳои ректорҳои донишгоҳҳо, мулоқотҳои роҳбарони академияҳои илм ва марказҳои таҳқиқоти илмӣ ишора шуд.

Аз ҷумлаи афзалиятҳои калидӣ ҳамкорӣ дар соҳаи амният боқӣ мемонад. Дар ин замина, Президент барои роҳандозии механизмҳои бисёрҷонибаи мубодилаи иттилоот тавассути хадамоти махсус ва шӯроҳои амният ҷиҳати мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, радикализм, қочоқи маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ҷиноятконрии киберӣ пешниҳод ироа кард.

– Мо аз он изҳори нигаронӣ мекунем, ки таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалӣ ба мушкилоти Афғонистон коста мешавад, ҳол он ки ин кишвар барои мо танҳо як ҳамсоя нест, балки ҷузъи ҷудонашавандаи фазои муштараки таърихӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ ба шумор меравад, – таъкид намуд роҳбари Ӯзбекистон.

Бо ба эътибор гирифтани таҷрибаи бойи ҳамкории Чин ва кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Афғонистон, Президенти Ӯзбекистон пешниҳод намуд, ки дар доираи формати кунунӣ Гурӯҳи сатҳи баланд таъсис дода шавад, ки масъалаҳои мусоидат ба барқарорсозӣ ва ҷалби Афғонистон ба раванди ҳамгироии минтақавиро баррасӣ намояд.

Ҷониби Ӯзбекистон омодагии худро барои баргузор намудани ҷаласаи ин гурӯҳ дар Тирмиз бо иштироки намояндагони Афғонистон изҳор намуд.

Дар анҷоми суханронӣ таъкид гардид, ки Ӯзбекистон ҷонибдори муколамаи боз ва густариши ҳамкориҳои амалӣ ва судманд дар формати «Осиёи Марказӣ – Чин» мебошад.

Дар натиҷаи нишаст, роҳбарони кишварҳо Эъломияи Остона ва Созишномаи дӯстии абадӣ, ҳамсоягии нек ва ҳамкориро ба имзо расониданд.

Ҳамчунин, бастаи мустаҳками созишномаҳои байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ қабул гардид.

Дар поёни саммит маросими оғози фаъолияти марказҳои ҳамкорӣ оид ба мубориза бо камбизоатӣ, биёбоншавӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи маориф, инчунин платформаи ҳамкорӣ барои тиҷорати бемамониат баргузор шуд.

Бо ҳамин сафари кории Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Остона анҷом ёфт.

**ӮзА.**

# ПАНҶ ЛАБОРАТОРИЯИ МУОСИР ТАШКИЛ МЕГАРДАД

***Вазири кишоварзӣ Иброҳим Абдураҳмонов аз филиали Маркази хидматрасонии аграрӣ дар вилояти Сирдарё, ки дар ноҳияи Боёвут ҷойгир аст, боздид намуда, бо корҳои илмӣ-таҷрибавӣ ва навовариҳои агротехнологӣ, ки дар он ҷо татбиқ мешаванд, шинос шуд.***

Дар доираи ин сафари корӣ вазир ҳолати зироатҳои гуногун, чун гандум, ҷав, маккоӣ, сабзавот, зироатҳои лӯбиёгӣ, соя ва ниҳолҳои мевадиҳандаро, ки дар заминҳои намоишӣ парвариш меёбанд, мавриди омӯзиш қарор дод. Ҳамчунин, 26 гектар заминро, ки дар он навъҳои маҳаллӣ ва хориҷии пахта бо истифода аз агротехнологияи Шинҷони Чин парвариш мешаванд, аз назар гузаронд. Ин навъи пахтаҳо бо назардошти тобовариашон ба шӯрии хок, тағйирёбии ҳарорат ва дигар стрессҳои агробиологӣ аз озмоиш гузаронда мешаванд.

Вазир таъкид кард, ки майдонҳои таҷрибавӣ бояд ба платформаи омӯзишии амалии фермерҳо табдил дода шаванд. Ӯ зикр намуд, ки ҳар як тухмӣ ва ниҳол замина барои ояндаи саноати аграрӣ буда, чунин заминҳо на танҳо воситаи гирифтани ҳосил, балки манбаи татбиқи қарорҳои илмӣ дар амалиёт низ ҳастанд.

Дар ҷараёни боздид маълум гардид, ки дар раванди парвариши пахта баъзе чораҳои агротехникӣ сари вақт иҷро нашудаанд ва дар натиҷа рушди зироатҳо каме суст шудааст. Бо мақсади бартараф кардани мушкилоти мавҷуда ба шахсони масъул дастурҳои дақиқ дода шуданд.

Ҳамчунин, вазир бо бинои марказ, ҳолати заминҳои намоишӣ ва технологияҳои нав шинос шуд. Тибқи барномаи модернизатсия дар ин ҷо таъсиси панҷ лабораторияи муосир ва муҷаҳҳазсозии онҳо бо таҷҳизоти пешрафта дар назар аст.

Ба намояндагони ташкилотҳои марбута ва муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ супориш дода шуд, ки фаъолияти марказҳои хидматрасонии аграриро аз нав баррасӣ намуда, онҳоро ба маркази таҷриба ва навовариҳои илмӣ-амалӣ табдил диҳанд.

**Ғулом ПРИМОВ,**
**мухбири ӮзА.**

# ДИЛШОДИ БАРНО: МАШАҚҚАТИ МУҲОҶИРАТ ВА РОҲИ МАЪРИФАТ

Дар ҳаёти имрӯзаамон бисёр шунидаем: Духтарро хононда чӣ мекунӣ?! Хоҳу нохоҳ ба шавҳар медиҳӣ. Аз хондани вай чӣ фоида! Беҳуда пул сарф макун!

Оре, мутаассифона, чунин ақида дар байни мардум ҷой дорад. Лекин он имрӯз, яъне то дар низоми таълими олӣ ба миён омадани таҳсили қарордодӣ пайдо нашудааст. Камбағалдухтарон аз дарёфти маърифату таълим маҳрум буданд. Дар гузашта танҳо духтарони амалдорон, амиру хон, ҳокиму мударрисҳо саводнок мешуданд. Баъд баъзе шоир ё омӯзгор гардида, ба духтарони дигар сабақ меомӯзонданд. Беш аз ҳазор сол муқаддам устоди устодони шеъри Шарқ, Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фармуда буд:

*Дониш андар дил чароғи*
*равшан аст,*
*В-аз ҳама бад бар тани ту*
*ҷавшан аст.*

Аммо сарфи назар аз монеаҳо дар қарнҳои гузашта аз ҷумлаи бонувон низ мактабдорон, шоираву нависандагон ба камол расидаанд ва дар саҳифаҳои таърих ба унвони занони маърифатпарвару худогоҳ сабт шудаанд. Яке аз онҳо, бешак Дилшоди Барно будааст, ки бо чароғи маърифат роҳи садҳо духтарони маҳаллиро равшан кардааст.

Вале барои Дилшоди Барно, ки ӯро дар адабиёти ҳавзаи адабии Қӯқанди асри XIX ва ибтидои асри XX ба сифати шоираи ӯзбек ҳам ба қалам медиҳанд, роҳи омӯзиши маърифат равону осон набуд. Ба чанд нақл аз тарҷумаи ҳоли ӯ, ки барои мо тавассути асарҳояш «Таърихи муҳоҷирон», «Таърихи муҳосира», «Ӯротеппага хати муштоқона» баён кардааст, таваҷҷуҳ фармоед.

Бино ба далелҳое, ки академик Аҳрор Мухторов дар китоби баарзиши худ «Дилшод и ее место в истории общественной жизни таджикского народа в XIX начале XX в.в.» овардааст, падари Дилшод Раҳимқул аз сӯфиёни шоиртабиати шаҳри Истаравшан будааст. Дилшод дар маҳаллаи Мири мушони шаҳри мазкур тахминан соли 1800-1801 таваллуд мешавад. Баъдтар вақте забони ӯзбекиро дар Қӯқанд омӯхта, ашъори ӯзбекӣ ҳам мегуфт, ба ҷойи таваллуди худ ишора карда менависад:

*Мани аслим эрур оламга*
*равшан,*
*Таваллуд манзилимдур*
*Истаравшан.*

Истилои Истаравшан аз ҷониби хони Қӯқанд Умархон дар соли 1816 ба сари ҳазорон сокинони ин шаҳр бадбахтию фоҷиаҳои зиёдро бор кард. Дилшод баъд аз ин таҷовуз дар «Таърихи муҳоҷирон» менависад, ки «Се сол муқаддам аз вабо модарам фавт ёфта ва падарам талаф шуда, сараш ба Калламанора монанди кулӯх монда шуда буд». Оре, ӯ барвақт аз меҳри модар маҳрум мешавад ва аз ин хусус бо дили пурхун навиштааст: «Дар хонаамон ман бо модаркалонам, ки навадсола буданд, калоба ресида мезистем». Зиёда аз ин, тавре ки Дилшод дар асари саргузаштиаш меоварад, «Баъд аз қатли бекҳои юз (бекҳои Ӯротеппаро дар назар дорад – **Ш.С**), ки номи онҳоро ман дар ҳамон майдони қатл шунидаам, боқимонда сездаҳ ҳазор асирон (дар манбаъҳо 13400 нафар – **Ш.С.**) пойи пиёда пешандози золим (яъне хони Қӯқанд) шуданд. Гирёну нолон ва афтону хезон бо дашти Навканда ва Бекату Куркату Маҳрам, ки номи он даштро асирон номбар менамуданд, аз он ба хотирам боқӣ мондааст, тайи манозили сохта мерафтем дар саҳро ба сангҳову хорҳо пешпо хӯрда пойҳои худам ҳамчун дигарон таҳаш обғӯлаву лелакҳо хунравону нохун кӯчак шуда буд, маҷолу мадор намонда буд, ки роҳ равам».

Ҳамин тариқ Дилшод (Барно тахаллуси шоиронаи ӯст) дар бораи баъди ду-се ҳафта ба ӯрдаи хони Қӯқанд оварда шудани асирони истаравшанӣ, шахсан аз тарафи хон қабул карда шудани худаш ва дигар ҳодисаҳои фоҷиабор дар «Таърихи муҳоҷирон» муфассал нақл мекунад. Дар яке аз шеърҳояш ҳолати худро бо радифи «омадам» чунин ифода кардааст:

*Ман аз он олам ба ин олам,*
*ки акнун омадам,*
*Кӣ будам, акнун кӣ гаштам ман,*
*дигаргун омадам.*

Тақдир ӯро бо шавҳари ояндааш Тошмахдуми панҷоҳсола, ки ӯзбектабор буд, рӯ ба рӯ мекунад. Модари ӯ зани 80-сола ба духтарони маҳаллӣ савод меомӯзонд. «Камина, – менависад шоираи сарсахт, – сездаҳ сол ба модар хидмат карда, баъд аз он лаҳҷаи туркиро мукаммал аз худ намудам ва нисбати мактабдориро гирифтам, дар он замон модарамон дар синни наваду ду ба духтарон сабақ дода, бе айнак чок медӯхтанд». Шоира ба нақлаш идома медиҳад: «Баъд аз ҳафт соли мактабдории ман, яъне дар наваду нӯҳсолагӣ модар вафот карданд, ки ман дар синни сию ҳафт будам».

Ҳамин тавр Дилшоди Барно дар гузари Хоҷа Калони Қӯқанд, дар хонаи шавҳараш 51 сол муаллимӣ кардааст. Бино ба нақли худи ӯ соле ба 20-30 нафар духтарон, ҷамъ ба 891 нафар шогирд сабақ додааст. Тасаввур кунед, аз миёнаи асри XIX то остонаи асри XX ӯ дар қалби духтарони қӯқандӣ меҳрро ба хату китоб парварида буд. Аз байни онҳо, ҳатто шоирае чун Анбаротун ба камол расида, шуҳрат пайдо кард.

Соли вафоти Дилшоди Барноро шоҳидон соли 1905-1906 муқаррар кардаанд. Тавре худаш нақл мекунад, дар синни қариб садсолагӣ ду бор ба оташароба, яъне поезд савор шуда, то Хавос расида, баъд ба зодгоҳаш – шаҳри Истаравшан омадааст.

Дилшоди Барно дар аксари навиштаҳояш (девони тоҷикию ӯзбекӣ, тазкира, маснавӣ, мухаммас, мусаддасҳо) мардумро ба кӯшишу ғайрати беҳсозии рӯзгор, мутолиаи китоб, мубориза барои тантанаи адлу инсоф даъват кардааст. Баъд аз ба тобеияти империяи Русия гузаштани водии Фарғона афзудани зулми дуҷониба, яъне бар замми ситами бойҳои маҳаллӣ истисмори мардум аз тарафи мансабдорони русро борҳо дар ашъораш зикр кардааст:

*Ба мулки хоки Фарғона шуда,*
*инак бало нозил,*
*На ин ки як бало, гӯям фишори*
*ду ҷафо нозил.*

Дар ҷойи дигар бо эҳсоси афсӯсу надомат қайд мекунад, ки:

*Чаро халқи ватан ин хела*
*муҳтоҷ,*
*Чаро пиру ҷавону бева муҳтоҷ?!*

Дар асарҳои ӯ оид ба муҳити адабии хонигарии Қӯқанд низ маълумоти арзишманд оварда шудаанд. Ғайр аз чаҳор нафар шогирдони шоираш, ӯ боз номи ёздаҳ шоир ва панҷ бонуи шоирро зикр намудааст. Номи баъзеи онҳо танҳо дар навиштаҳои Дилшоди Барно оварда шудаанд, ки ин низ арзиши асарҳои ӯро баланд мекунад. Дилшоди Барноро, билошак метавон шоираи маърифатпарвар номид. Зеро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX, дар замоне, ки таълиму таҳсили духтарон аз эътибор соқит буд, машъали маърифатро афрӯхта, халқ, хусусан духтаронро ба мактабу саводомӯзӣ даъват кардан ҷасорат маҳсуб меёфт. Ӯ дар аксар шеърҳояш китобу қаламро васф мекунад, чунончи, матлаъи як мухаммасаш бо радифи «китоб» ин аст:

*Энг яқин дӯсти азиз ҳам дарду*
*дармондур китоб,*
*Ҳамдамим, ҳамсӯҳбатим,*
*ҳам қадрдондур китоб.*

Имрӯз дар ҷомеаи мо ба ғояҳои маърифатпарварӣ, мероси ғании ҷадидон, ташаббуси онҳо дар ҳифзу ҳимояи мактабу маориф эҳтирому эҳтиёҷ афзудааст. Аз ин лиҳоз омӯхтани ҳасби ҳол ва эҷодиёти Дилшоди Барно – ин зани маърифатпарвар аҳамияти махсус дорад.

**Шоқаҳҳор САЛИМОВ,**
**таърихшинос-журналист.**



*«Намангон ҳамеша макони илму фан, фарҳангу маърифат буд. Иди гулҳои имсола аз ҳарвақта фарқ мекунад. Ҳар рӯз шабнишиниҳои ҳунармандон, баҳсҳои илмӣ, чорабиниҳои варзишӣ баргузор мешаванд, ки ин корро ба таври сунъӣ ташкил кардан мумкин нест», мегӯяд Ҳофизи халқии Тоҷикистон, шоири мардумӣ, мусиқишинос Инъом Темурзодаи Хуҷандӣ.*

*Як гурӯҳи меҳмонони хориҷӣ барои ширкат дар чорабиниҳои фарҳангию маърифатии ҷашнвораи 64-уми байналхалқии гулҳо ба шаҳри Намангон ташриф овардаанд.*

*Ахлоқ*

# БА ОЗОРИ МАЗЛУМ МОИЛ МАБОШ...

Дар ёдам, хеле хурд будам. Бобои модариам, ки мӯйсафеди нуронӣ, насиҳатгӯ ва китобхон буд, аз олам чашм пӯшид. Модарам қариб як сол либоси мотам ба бар кард. Баъди гузаштани бобоям амакҳои модарам низ пасу пеш вафот карданд. Модари меҳрубонам, ки онҳоро хеле дӯст медошт, рӯймолу либоси сиёҳашро накашид...

Он рӯзгор инсон қадру манзалат дошт. Таъзия, тӯй ва дигар маросимҳо арзиш дошт. Хусусан дар деҳот, ки ҳама якдигарро мешиносанду хешу табор ҳастанд. Имрӯз-чӣ? Саҳарӣ аз ҳавлие садои гиряву навҳае, ки наздики худро аз даст додааст, мебарояду бегоҳӣ аз хонадоне овози карнаю сурнай баланд мешавад.

Инро дида ҳар як фарди солимфикр ба андеша меафтад: канӣ меҳр, канӣ оқибат?

Вақте ба зодгоҳ меравам, аввало пеши назарам симои падару модарони меҳрубон, устодони донишманд, инсонҳои рӯзгордида ва босабру боирода намоён мегарданд. Ба чор сӯ назар меафканам, онҳоро мекобам, вале мутаассифона, аз онҳо нишонае ҳам намеёбам. Фарди имрӯза ҳама аз пайи молу пул ва сарватғундорӣ. Ба фикрам, меҳр, муҳаббат, навозиш, дили фақиру нотавонро ёфтан, ба муҳтоҷе кумак расонданро бархе тамоман фаромӯш кардаанд.

Дар деҳаи шиносам Н. соле як нафар ба худкушӣ даст мезанад, ки ин воқеаи нангин бисёртар миёни ҷавонон рух медиҳад. Аз ҳаёти оилавӣ, норасоии рӯзгор, муносибати ҳамсояю гузар, аз саломатии шахсе, ки ба ҷони худ қасд кардааст, ҳама бехабар. Баъзеҳо бохабар бошанд ҳам, худро ба нодонӣ мезананд. Вақте «фалонӣ вафот кардааст, ба ҷони худ қасд кардааст» гуфта, хабари мудҳишро мешунаванд, аҳли деҳа ангушти ҳайрат мегазад: «Чаро?» Баъзе ҳолдонҳо мегӯянд: «Кори Худо», «Касалӣ-дия». Ҳол он ки ҳаққу ҳамсоя, наздикон, маҳалла, маслиҳатчии занону духтарон, мактаб бояд аз сатҳи зиндагӣ, шароити оилавӣ, саломатии ҳар як оила бохабар бошанд. Баъди шунидани хабари нохуш симои ҳамон ҷавонзанро пеши назар овардам. Меҳрубон, меҳнаткаш, ҳоҷатбарору кумакрасони ҳамсояву аҳли деҳ буд. Дар ҳар тӯю маърака пешгир ба бар карда дар хидмат буд. Барои чӣ ба чунин кор даст зад? Ҳолдонҳо «соддатар буд, зиндагиаш ночор буд, ҳамсояҳои бе дину диёнат ӯро паст мезаданд, бо телефон таҳқираш кардаанд, аз давраи ҳамсояву ҳамсинфу наздикон дур сохтаанд» ва ғайраву ҳоказо.

Ба андеша меравем. Ҳамон ҳамсояе, ки ӯро паст зад, магар худ боақл аст? Фаҳмидем, ӯ як занест, ки миёни ҳамсояҳо бо бӯҳтону ғайбатҳои худ дилхунукӣ меандозад. Худро аз ҳама боло мегузорад. Гӯё пулаш бисёр асту дасташ дароз. Магар ҳамон ҳамсоя фаромӯш кард, ки вақти зодани ҳар як фарзандаш, тӯю маъракаҳояш ҳамин ҷавонзан кумакрасонаш буд, ҳавлию дарашро мерӯфт, ҷомашӯиву гиламшӯӣ мекард, ба кӯдаконаш хӯрок мепухт. Магар ин тӯҳмату пастзаниҳо ба нағзӣ бадӣ нест? Магар дар ҳамон маҳалла, ки аллакай се нафар ҷавон қурбони ҷаҳолат шуданд, ягон мӯйсафеду зани пурдида, талхию ширинии ҳаётро чашида набошад, ки ҳамсояҳоро ба аҳлию созгорӣ даъват намояд?

«Охир, онҳо низ фарзанд калон карда истодаанд. Духтари паҳлавонам, ки кори чор мардро мекард, маро ҷигархун кард, шавҳарашро ҳайрон, кӯдаконашро ятим монд. Бояд ӯ дар рӯзи маргам «модарҷонам!» мегуфт, на ман, ки ҳоло «духтари нодонакам» гуфта навҳа дорам», мегӯяд модари сарсахт.

Оре, «Марги падару модар мерос, марги фарзанд теғи алмос» гуфтааст мардуми пурдидаи мо.

Солҳои охир роҳбари давлат ба кори маҳалла, раисони маҳалла, кор бо оила ва занону духтарон эътибори ҷиддӣ медиҳад. Барои раис, муовин ва гурӯҳи корӣ маош ҷудо карда шудааст. Вақте бо занони пурдида ва куҳансоли деҳа суҳбат оростем, онҳо мегӯянд, ки маҳалла хуб кор намекунад, миёни занону духтарон доир ба оиладорӣ, муносибати зану шавҳар, хушдоману келин, ҳамсоя ва дигарон корҳои тарғиботиву фаҳмондадиҳӣ тамоман суст аст. Дар дуконҳову ошхонаҳо то поси шаб кор дар авҷ, ҷавонон нӯшида, дар зери мусиқии баланд мерақсанд. Ба якдигар суханҳои қабеҳ мегӯянд, ки ин беҳурматӣ ба гирду атроф ва аҳли деҳа аст.

Кумаки иҷтимоӣ, ки аз тарафи ҳукумат дода мешавад, на ҳама вақт ба дасти маълӯлу шахси танҳову бемор ё серфарзанд мерасад, балки баъзе мошинсавору дукондорҳо ҳам аз он баҳрамандаанд. Гуфтан ба маврид аст, ки ин иллатҳо солҳои охир дар тамоми деҳаҳои дурдаст мавҷуд аст. Дар деҳа китобу рӯзномаву маҷаллахонӣ ба сатҳи поён аст. Ба ҷойи китоб дар дасти пиру ҷавон телефон. Бале, ҳастанд ҷавононе, ки аз телефон дуруст истифода мебаранд, дарс тайёр мекунанд, китоб мехонанд, ба олигоҳҳо дохил мешаванд. Вале аксарият муносибат бо телефонро намефаҳманд.

Сабабгори ба ҷони худ қасд кардан, ҷудошавии оилаҳо, канда шудани риштаи дӯстиву хоҳару бародарӣ аз телефон сар зада истодааст. Ҷавононро бо сабукандешиву бесабрӣ айбдор месозем. Ҳол он ки баъзе хушдоману хусурҳои имрӯза сабукандешанд. Ҳатто хушдоман бо баҳонаи ночизе ба сари келинаш мушт мезанад ва мегӯяд: «Дафъ шав, беҳунар, муфтхӯр, ношуд!» Ҳол он ки ин арӯсак кӯдакони хурдсол дораду ба кору бори рӯзгор дасташ кӯтоҳӣ мекунад. Хушдоман бояд ба ӯ дасти ёрӣ дароз кунад, илми рӯзгордорию бачапарвариро омӯзонад.

– Мунокишаву ҷанҷолҳои оилавӣ, нокомӣ дар муҳаббат, аз даст додани шахси наздик, танҳову бенигоҳубин мондан аз ҷониби наздикон, ҳолатҳои рӯҳие, ки бо сабаби моҷароҳои оилавӣ рух медиҳанд, номуваффақиятӣ дар кор, таҳсил, гум кардани маблағи бисёр, қарздорӣ, аз даст додани манбаи рӯзгузаронӣ, бемории рӯҳӣ, қасдан зиён расондан, тухмат, таҳқир ва паст задани инсон, таҷовуз, руҳан масхара кардан, лату кӯб, монда шудан аз зиндагии фақирона, надоштани шавқу ҳавас ба ҳаёт, сарсупурда ва ё фанати дин шудан, тарс аз ҷазо ва ғайра омилҳои асосии ба ҷони худ қасд кардани инсон мебошад, – мегӯяд шифокор-руҳшинос Гулнора Абдиева. – Маҳалла, хешу табор, дӯстон ва наздикони ҳамон ҷабрдида бояд аз ҳолаш хабар гиранд, беэътибор набошанд, ӯро аз панҷаи тазйиқ, надонистани дину диёнат раҳо намоянд. Табобаташ кунанд. Инсон аз тамоми мавҷудоти зинда бо ақлу хираду идрок фарқ мекунад. Мутаассифона, баъзеҳо бар он ақидаанд, ки тақдир ҳамин будааст ва чунин ҳодисаҳоро ба он ҳавола менамоянд. На! Офаридгор моро офарид ва ду роҳро ба ихтиёри мо гузошт: роҳи раҳмонӣ ва роҳи шайтонӣ. Зиндагӣ ин як имтиҳонест. Пас, ҳар як инсон, ки қобили тафаккур аст, бидуни ҳама душвориҳо бояд зиндагӣ кунад, ташаккул ёбад, аз роҳи шайтонӣ парҳез намояд ва поку сафед, беолоиш ба сӯйи Офаридгор баргардад.

Руҳшинос дуруст мегӯяд. Биёед, азизон, ба якдигар меҳрубон бошем. Меҳру оқибат, сабру таҳаммул, кумакрасон, хайру саховатро пешаи худ кунем. Ба гирду атроф, ба ҳамсояи девордармиёни худ эътибор диҳем, меҳрубон шавем. Бештар китоб хонем, ки китоб ба мо панди ҳаёт меомӯзад. Сабабгори навҳаю гиряи модар, апаю хоҳар, бародар, кӯдакониноболиғи ҷабрдидае нашавем.

Саъдии Шерозӣ барҳақ фармудааст:
*Ба озори мазлум моил мабош,*
*Зи дуди дили халқ ғофил мабош!*

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**муҳаррири бахши мактаб,**
**маънавият ва ахлоқи «Овози тоҷик».**

# ОВОЗИ ОЛАМГИРИ ҶАҲОНГИР

***Дар шаҳри Одинсовои назди Маскав фестивали бошукӯҳи байналхалқӣ барои наврасони имконияташон маҳдуди санъатдӯсти кишварҳои ҷаҳон баргузор гардид.***




Дар байни иштирокчиён сарояндаи соҳибистеъдоди 12-сола аз Самарқанд Ҷаҳонгир Абдувалиев низ буд. Овозхони ҷавони аз таваллуд нобино бо кумаки модараш Мадинабону Маматқулова ба саҳна баромада, таронаи машҳури «Рӯзи Ғалаба»-ро чунон бо эҳсоси баланд ва дилнишин хонд, ки тамошобинон аз ҷо бархеста, чанд муддат кафкубӣ намуданд.

Дар ҳунарнамоии Ҷаҳонгир модараш, ки ҳамазамон устоди ягонааш аст, ҳамроҳӣ мекунад. Ӯ дар мактаби мусиқӣ таҳсил нагирифтааст, аммо бо вуҷуди ин, аллакай ғолиби озмунҳои байналхалқӣ шудааст.

**Дар акс:** *Ҷаҳонгир АБДУВАЛИЕВ бо модараш дар саҳнаи шаҳри Одинсово.*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

*Иҷрои қарор – дар амал*

# МАҲАЛЛА ЧАРОҒОН МЕШАВАД

***Дар ноҳияи Косонсойи вилояти Намангон оиди роҳандозии Барномаи давлатии «Аз камбизоатӣ ба сӯйи фаровонӣ», ки аз ҷониби Президент 23 сентябри соли 2024 қабул карда шудааст, корҳои шоёни эътибор ба сомон мерасад.***

Аз ҷумла, дар бобати беҳтаргардонии таъмини неруи барқӣ барои аҳолии як қатор ҷомеаи шаҳрвандони маҳаллаҳои ноҳия корҳои амалӣ анҷом дода шудаанд.

Дар ҳудуди ҷомеаи шаҳрвандони маҳаллаи «Янги Ӯзбекистон» ҷойгирсозии ду трансформатори баландқувват ва кашидани 7,3 километр хати электрикӣ ба нақша гирифта шуда буд ва имрӯзҳо ҷойгиркунии симчӯбҳои бетонӣ ба анҷом расида, кашидани хати барқӣ давом дорад.

Минбаъд таъминоти аҳолии маҳалла бо неруи барқ ба таври эҳсосшаванда беҳтар мегардад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

*Андешаҳо*

# ҲУСНИ ЗАН ДАР ЧИСТ?

Ҳар як инсон аз тариқи меҳр ва муносибати хуб ба зиндагӣ ва аҳли оила, ояндаи боэътимоди давраи боэътибори пириро бо пайвандонаш метавонад таъмин кунад. Дар хонадоне, ки муҳаббат, садоқат, одамгарӣ, меҳру оқибат ҳукмфармо аст, кӯдакон тарбияи хуб мегиранд. Фарзандони чунин оилаҳо қалъаи хонаводаро мустаҳкам нигоҳ дошта, баробари ин дар ҷамъият ҷойгоҳи муносиб меёбанд. Барои равнақи ҷамоа, халқу кишвар саҳм мегузоранд.

Инсоне, ки муҳити оилавиаш солим ва хотирҷамъ аст дар касбу кор, масъалаҳои иҷтимоӣ низ намунаи ибрати дигарон шуда метавонад.

Афсӯс, ки баъзе ҳамдиёрон ғуломи нафс шуда, оилаи гул барини худро барбод медиҳанд, масъулияти худро назди ҳам ҷамъияту ҳам наздикон фаромӯш мекунанд, назди Офаридгор гунаҳкор мешаванд.

Солҳои охир дар байни ҷавонон ҷудошавӣ, яъне барбоддиҳии оилаҳои навбунёд бисёр гардид. Аз ин кӣ ҷабр мекашад? Пеш аз ҳама фарзандони зиндаятим.

Аксар вақт ноосудагии оила аз низои зану шавҳар, бо падаршӯву модаршӯ мурасо карда натавонистан, аз беодобӣ ва бемаърифатии арӯс сар мезанад. Дар замири чунин низоъҳо норасоии меҳр эҳсос мегардад. Зеро баъзан, ҳатто дар чунин нохушӣ сабаби аниқ ҳам нест. Баъзе занону шавҳарон аз ҳамсари худ нолида дарди дилро назди дӯсту душман дастархон, сирри оиларо фош мекунанд. Ва боиси хандаю муҳокимаи мардум мегарданд. Мо, намояндагони маҳалла ба хонадони оилаҳои ноором рафта, бо онҳо суҳбат мекунем, якҷо ҳалли муамморо меҷӯем, мисолҳои ҳаётӣ меоварем, панду насиҳат карда, даъват менамоем, то ки хислатҳои хуби якдигарро дида тавонанд, ба созишкорӣ даст зананд. Зеро каме меҳр ҳам метавонад ҳаёти онҳоро дигаргун кунад, зебо созад. Дар замони мо китобхонӣ ба масъалаи мубрам табдил ёфт. Бояд ба кӯдакон афсона хонем, афсона гӯем. Эҳтиром ба падару модар, ошноӣ бо илму маърифат, муносибати хуб бо инсонҳо дар пояи афсонаҳо шакл меёбад. Воқеан, тамоми илмҳо, хулқ ва хислатҳои ҳамида дар китоб муҷассаманд. Фақат хондан кам аст, мушоҳида карданро ҳам ба бачаҳо омӯзонидан даркор. Дар урфият «Ҳусни зан на дар пардоз, балки дар ақл аст» мегӯянд.

Мо фарзандонро бояд бофаросат тарбия кунем, то онҳо ояндаи ҷамъияти мо шуда ба воя расанд. Волидон дар ҳар гуна шароит ҳам бояд шавқи фарзандро ба илму маърифат, ба хондани китоб бедор кунанд. Зеро фикру мулоҳиза, тарзи суханронӣ, андеша ва ҷаҳонбинии инсони соҳиби илм афзал аст.

**Комилҷон**
**ҶӮРАҚУЛОВ,**
*ноҳияи САМАРҚАНД.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-628.
Адади нашр 3696. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
М. Мамаҷонова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 02.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.